**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)**

***ТАҚРИЗ***

**ба автореферати диссертатсияи Исҳоқӣ Дилшод Илҳом дар мавзуи "Мукаммалгардонии амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Омили мусбии пурзур шудани рақобат ташкилотҳои қарзиро водор намуд, ки муносибати худро ба маҳсулоту хизматрасониҳои анъанавӣ дигар намуда, пешкаш ва фурӯши онҳоро бо усулҳои нави инноватсионӣ, бо истифодаи техника ва технологияи нав ба роҳ монанд.

Рушди босуръати амалиётҳои рақамӣ дар низоми бонкӣ имкониятҳои васеъро, ки боиси дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ коркард ва пешниҳоди як қатор самтҳои нав гашт, ошкор сохт. Дигар омили мусбии рақамикунонии амалиётҳои бонкӣ ин баланд бардоштани самаранокӣ, коҳиш додани меҳнати дастӣ ва ҷалби кормандон буда, имкон фароҳам овард, то қисми зиёди хизматрасониҳо бидуни ташрифи мизоҷ ба ташкилоти қарзӣ амалӣ гардад.

Муаллиф дуруст қайд кардааст, ки аз нуқтаи назари мизоҷон, амалиётҳои рақамии бонкӣ имконияти як нав "озодӣ"-ро фароҳам меоранд. Он мизоҷро аз "вобастагӣ" ба филиал ва марказҳои хизматрасонии бонкӣ озод намуда, гузаронидани амалиётҳоро аз дилхоҳ ҷой ва вақту соат муяссар месозад. Дар ин ҳолат вақти танаффуси кормандони ташкилоти қарзӣ, рӯзҳои истироҳат ва анҷом ёфтани соати корӣ, барои мизоҷ ягон мушкилиро ба бор намеорад.

Бо диссертант ҳамфикр мебошем дар бораи он, ки зиёд намудани ҳаҷм ва шумораи амалиётҳои рақамии бонкӣ ба кам кардани амалиётҳо ва хароҷотҳои вобаста ба қоғаз оварда мерасонанд. Гардиши ҳуҷҷатҳо дар дохили ташкилоти қарзӣ ба таври электронӣ амалӣ гашта, нигоҳдорӣ,

бурдани ҳисоби онҳо, дар вақти зарурӣ зуд дарёфт намудан ба осонӣ амалӣ мешавад.

Автореферати пешниҳодшуда ба талаботи Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ҷавобгӯ мебошад.

Оид ба норасоиҳои автореферат метавон қайд намуд, ки дар он ташкили Вазорати рақимикунонӣ дар замимаи Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ дар назди Президенти Тоҷикистон, асоснок карда нашудааст.

Норасоии қайдшуда қиммати илмии корро паст намекунанд ва характери тавсиявӣ доранд.

Автореферати диссертатсияи Исҳоқӣ Дилшод Илҳом дар мавзуи "Мукаммалгардонии амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
декани факултети технологияҳои иттилоотӣ
ва интеллекти сунъии ДТТ — Нусратзода М.Н.

Имзои Нусратзода М.Н.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва назорат
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон — Раҳматулло Нусратулло

**Тамос:**
Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, к. Н. Қарабоев 63/3
Тел: +992 985 42 30 30
E-mail: m_a_84-84@mail.ru